## 5.6.7. (07.00.15) ИСТОРИЯ МЕЖДУНАРОДНЫХ ОТНОШЕНИЙ И ВНЕШНЕЙ ПОЛИТИКИ
## 5.6.7. ТАЪРИХИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ ВА СИЁСАТИ ХОРИҶӢ
## 5.6.7. HISTORY OF INTERNATIONAL RELATIONS AND FOREIGN POLICY

*УДК 327*
*DOI 10.24412/3005-849X-2025-1-35-44*

# *ВИЖАГИҲОИ ТАШАККУЛ ВА ИНКИШОФЁБИИ РОБИТАҲОИ ГУНОГУНҶАНБАИ ТОҶИКИСТОН БО ЛЮКСЕМБУРГ*

***Шарифзода Абдуфаттоҳ Абдуваҳҳоб,*** *д. и. т., профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;* ***Шарифзода Фирдавс Абдуфаттоҳ,*** *н.и.т., котиби якуми раёсати кишварҳои Аврупо ва Америкаи Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, (Душанбе, Тоҷикистон)*

# *ОСОБЕННОСТИ СТАНОВЛЕНИЯ И РАЗВИТИЯ РАЗНОПЛАНОВЫХ ОТНОШЕНИЙ ТАДЖИКИСТАНА С ЛЮКСЕМБУРГОМ*

***Шарифзода Абдуфаттох Абдувахҳоб,*** *д-р истор. наук, профессор, член-корреспондент Национальной академии наук Таджикистана;* ***Шарифзода Фирдавс Абдуфаттох****, канд. истор. наук, первый секретарь Управления стран Европы и Америки Министерства иностранных дел Республики Таджикистан (Душанбе, Таджикистан)*

# *PECULIARITIES OF FORMATION AND EXPANSION OF MULTIFACETED RELATIONS OF TAJIKISTAN WITH LUXEMBOURG*

***Sharifzoda Abdufattoh Abduvahhob,*** *doctor of History, professor, corresponding member of the National Academy of Sciences of Tajikistan;* ***Sharifzoda Firdavs Abdufattoh,*** *candidate of History, the first secretary of the Department of European and American countries of the Ministry of Foreign Affairs of the Republic of Tajikistan, (Tajikistan, Dushanbe)*
***e-mail:*** *firdavs.sharifzoda@mfa.tj*

*Натиҷаҳои тадқиқоти илмӣ роҷеъ ба комёбию дастовардҳо дар масири рушди ботадриҷи робитаҳои дӯстонаи Тоҷикистон бо Люксембург тайи 33 соли муносибатҳои дипломатӣ инъикос гардидааст. Бо истинод ба далелҳои муътамад аҳаммияти таконбахшии муносибатҳо бо кишвари аз нигоҳи иқтисодӣ, саноатӣ ва технологӣ пешрафтаи Люксембург таъкид шудааст. Бахусус анҷом ёфтани сафарҳои расмию кории сатҳи олию баланд, вохӯриҳои дипломатҳои олирутба, аз ҷумла ҳамкориҳои зич дар чаҳорчӯби созмонҳои байналмилалӣ ва иттиҳодияҳо, аз қабили СММ, САҲА, ИА ва ғайра боиси ба марҳилаи тоза ворид шудани раванди густариши муносибатҳои дуҷониба байни Тоҷикистон ва Люксембург гардиданд. Таъкид шудааст, ки барои ташвиқи минбаъдаи муносибатҳои судманди сиёсӣ-дипломатӣ бо Люксембург дар марҳилаи кунунӣ, пеш аз ҳама, таъйини сафирони ғайримуқим дар Душанбеву Люксембург, таъсис ва ташкили кори мунтазами абзори машваратҳои сиёсии байниидоравӣ, омӯзиши имкониятҳои табодули сафарҳои мақомдорони ду кишвар, барқарории сафарҳои мутақобилаи сатҳи олӣ ва рушди робитаҳои иқтисодӣ ва бонкӣ-молиявӣ тақозои замон мебошад. Зимни таълифи маводди мазкур китобҳо перомуни фаъолияти сиёсати хориҷии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нашрияҳои Вазорати корҳои хориҷӣ, маълумотномаҳои марбута, инчунин дигар маводи электронии дохилию хориҷӣ ва омору хабарҳои матбуотӣ истифода шудаанд.*

***Калидвожаҳо:*** *Тоҷикистон, Люксембург, муносибатҳои байнидавлатӣ, сиёсати хориҷӣ, сафарҳои расмӣ ва корӣ, Иттиҳоди Аврупо, робитаҳои иқтисодӣ, пояи ҳуқуқии ҳамкорӣ, музокироти дипломатӣ*

*Отражены результаты научного исследования успехов и достижений в постепенном развитии дружественных отношений между Таджикистаном и Люксембургом за 33 года дипломатических отношений. Со ссылкой на достоверные аргументы подчеркивается важность укрепления отношений с экономически, промышленно и технологически развитым Люксембургом. В частности это официальные и рабочие визиты на высшем уровне, встречи высокопоставленных дипломатов, в том числе в ходе тесного взаимодействия в составе международных организаций и объединений: ООН, ОБСЕ, ЕС и др., которые ввели в новую фазу процесс расширения двусторонних отношений между Таджикистаном и Люксембургом. Подчёркивается, что для дальнейшего стимулирования взаимовыгодных политико-дипломатических отношений с Люксембургом велением времени является назначение послов-нерезидентов в Душанбе и Люксембурге, создание и регулярная работа межведомственного механизма политических консультаций, изучение возможностей для обмена визитами представителей двух стран и возобновление взаимных визитов на высшем уровне, развитие экономических, финансовых и банковских отношений. Данный материал основан на книгах о внешнеполитической деятельности Президента Республики Таджикистан и изданиях Министерства иностранных дел, справочниках, а также отечественных и зарубежных электронных материалах, статистических данных, пресс-релизах.*

***Ключевые слова:*** *Таджикистан, Люксембург, межгосударственные отношения, внешняя политика, официальные и рабочие визиты, Европейский союз, экономические отношения, правовая база сотрудничества, дипломатические переговоры*

*The article reflects the results of a scientific study of the successes and achievements in the gradual development of friendly relations between Tajikistan and Luxembourg over 33 years of diplomatic relations. The importance of strengthening relations with economically, industrially and technologically advanced Luxembourg is emphasized with reference to credible arguments. In particular, these are official and working visits at the highest level, meetings of high-ranking diplomats, including in the course of close cooperation within international organizations and associations: the UN, OSCE, EU, etc., which introduced a new phase to the process of expanding bilateral relations between Tajikistan and Luxembourg. It is emphasized that in order to further stimulate mutually beneficial political and diplomatic relations with Luxembourg, the appointment of non-resident ambassadors in Dushanbe and Luxembourg is the order of the day, the creation and regular operation of an interdepartmental mechanism for political consultations, the study of opportunities for exchanging visits between representatives of the two countries and the resumption of mutual visits at the highest level, the development of economic, financial and banking relations. This material is based on books about the foreign policy activities of the President of the Republic of Tajikistan and publications of the Ministry of Foreign Affairs, reference books, as well as domestic and foreign electronic materials, statistical data, press releases.*

***Key-words:*** *Tajikistan, Luxembourg, interstate relations, foreign policy, official and working visits, European Union, economic ties, legal framework for cooperation, diplomatic negotiations*

Гертсогии Бузурги Люксембург – кишвари тараққикардаи саноатӣ – яке аз некуаҳволтарин давлатҳои Аврупо, маркази бузурги байналмилалии молиявӣ ва сайёҳӣ мебошад, ки дар қаламрави он қариб 350 бонк ва соири 1000 фонди сармоягузорӣ ҷой гирифтааст. Люксембург сайёҳонро аз тамоми дунё бо кушкҳо, ёдгориҳои қадим, осорхонаҳо, боғу паркҳо ва майдонҳои бошукӯҳ ҷалб мекунад. Аммо хусусияти барҷастаи шаҳри Люксембург дар он аст, ки он яке аз пойтахтҳои Иттиҳоди Аврупо, мақарри ниҳодҳои асосии ИА – Шурои ИА, Комиссияи Аврупо (як қисми дирексияҳои генералӣ), Парлумони Аврупо (Котиботи

генералӣ), Суди ИА, Палатаи аврупоии ҳисоб, Бонки аврупоии сармоягузорӣ ва Хазинаи аврупоии сармоягузорӣ, Механизми аврупоии тасбиткунӣ (стабилизатсионӣ), Прокуратураи аврупоӣ, Раёсати омори ИА (Евростат), Хадамоти нашриётҳои ИА ва дигарон ба шумор меравад [9]. Факти дигари ҷолиб он аст, ки Люксембург ватани яке аз асосгузорони ИА Робер Шуман аст; ӯ соли 1950 нақшаи муттаҳидсозии бахшҳои саноати як қатор давлатҳои Аврупои Ғарбиро пешниҳод намуд, ки он боиси таъсиси Ҷомеаҳои аврупоӣ (пешгузаштаи ИА) гардида буд. Дар Люксембург ҳамчунин ҷамъомади нахустини кишварҳои аъзои Иттиҳоди аврупоии ангишт ва пӯлод таҳти раисии Жан Монне барпо шуда буд [6]. Бахри ошноии бештар бо Люксембург ҷузъиёти кишварии ҷуғрофӣ-демографӣ, сиёсӣ ва иқтисодии онро дар поён манзур мегардонем.

Гертсогии Бузурги Люксембург (бо масоҳати 2586,4 км² ва аҳолии 661 ҳазор ба ҳолати соли 2023) давлати хурдест маҳсур ба хушкӣ дар Аврупои Ғарбӣ, ки дар шарқ бо дарёи Мозел маҳдуд гардида, релефи он асосан аз даштҳои сертеппа (қуллаи баландтаринаш дар шохаи кӯҳҳои Арденна – теппаи Кнайфф, 560 м) иборат аст. Забонҳои расмияш – люксембургӣ, фаронсавӣ ва олмонӣ. 47% аҳолияшро муҳоҷирон (португалиҳо, фаронсавиҳо, италиявиҳо, белгиягиҳо, олмониҳо ва ғайра) ташкил медиҳанд [5].

Сарвари давлат – Гертсоги Бузург Анри аз сулолаи Бурбонҳои Парма буда, дар амал ҳокимияти иҷроия ба ҳукумате мансуб аст, ки аз тарафи Гертсоги Бузург дар ҳайати Сарвазир ва вазирон таъйин мегардад. Ҳукумати Люксембург таҳти роҳбарии Сарвазир Люк Фриден (аз Ҳизби халқии масеҳӣ-иҷтимоӣ) дар эътилоф бо Ҳизби демократӣ аз 17 ноябри 2023 инҷониб фаъолият дорад. Мақоми олии ҳокимияти қонунбарор дар Люксембург Парлумони якпаталагӣ – Палатаи вакилон мебошад [10].

Гертсогии Бузурги Люксембург аз нимаи аввали асри ХХ ҷонибдори пешсафи ҳамгироии сиёсӣ ва иқтисодии Аврупо буд. Пас аз фарҷоми Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ кишвари узв-муассиси Созмони Милали Муттаҳид гардида, аз сиёсати бетарафӣ даст кашид ва кишвари узв-муассиси САAШ шуд. Яке аз кишварҳои асосгузори Иттиҳоди Бенилюкс, яке аз шаш кишвари аъзо-муассисони Ҷомеаҳои аврупоӣ, сипас Иттиҳоди Аврупо ва Минтақаи Шенген ба ҳисоб меравад. Прагматизм ва садоқат ба усули бисёрҷониба дар ҳалли мушкилоти байналмилалӣ бо такя ба низоми СММ хоси сиёсати хориҷии Люксембург буда, дипломатияи ин кишвар ба ҳимоя аз арзишҳои озодӣ, сулҳу амният, демократия, ҳуқуқҳои инсон, идоракунии одилона ва волоияти қонун, ҳамбастагӣ ва рушди устувор равона шудааст. Бо арзёбии мусбати таҷрибаи узвияти худ дар Шурои Амнияти СММ дар солҳои 2013-2014, ин кишвар нияти бори дигар пешбарӣ кардани номзадии худ ба ҳайси узви ғайридоимии ША СММ дар давраи 2031-2032-ро дорад. Ҳукумати Люксембург дар соли 2021 як қатор ташаббусҳои намоёнро дар самти экологӣ эълон намуд, аз ҷумла дар масъалаи маблағгузории амалҳои иқлимӣ ва ухдадориҳои кишвар то соли 2030 [7].

Люксембург дорои иқтисоди пешрафтаи сердаромад буда (ММД номиналӣ 91,210 млрд. долл. ШМА ва ММД ба ҳар сари аҳолӣ 135,321 долл. ШМА тибқи арзёбии соли 2024), бештар ба бонкдорӣ ва хизматрасониҳои молиявӣ *(тариқи фаъолияти густурдаи бонкҳои олмонӣ, сипас бонкҳои кишварҳои скандинавӣ, Ҷопон ва ИМА дар Люксембург)*, истеҳсоли оҳану пӯлод ва дигар бахшҳои саноатӣ *(сохтмон, металлургия, телекоммуникатсия, ҳамлу нақли борҳо ва логистика, саноатҳои химиявӣ, муҳандисӣ, алюминий, биотехнологияҳо)* такя мекунад. Ба дараҷаи баланди тараққиёти саноат нигоҳ накарда дар Люксембург ба таври васеъ ва пурсамар бо соҳаҳои анъанавии хоҷагии қишлоқ, аз қабили гӯшту шир, боғдорӣ ва дар соҳили дарёи Мозел ба токпарварӣ низ машғул мешаванд. Қароргоҳи ширкатҳои оламшумули “Tenaris” (истеҳсол ва таъминоти қубурҳои пӯлодӣ), “ArcelorMittal” ва “Ternium” (саноати оҳану пӯлод), “Aperam” (истеҳсоли пӯлоди зангногир), “Globant” (хизматрасониҳои технологӣ ва инноватсионӣ), “Eurofins Scientific”

(хизматрасониҳои озмоишгоҳӣ барои маҳсулоти саноатӣ, фармасевтӣ, ғизоӣ, истеъмолӣ, муҳитзистӣ ва илмҳои аграрӣ), “Subsea7 S.A.” (лидери ҷаҳонӣ дар соҳаи татбиқи лоиҳаҳои шелфӣ ва таъмини хизматрасониҳо барои бахши энергетика), “Millicom International Cellular SA (TIGO)” (телекоммуникатсия), “SES S.A.” (оператори алоқаи моҳворaӣ), “Ardagh Metal Packaging” (истеҳсолу таъминоти ҷаҳонии борпечҳои металлӣ ва шишагӣ, банкаҳои алюминии қобили коркард), “Cargolux Airlines International S.A.” (ширкати ҳавопаймоии боркашонӣ), “Rotarex” (таҳия ва истеҳсоли доираи васеи маҳсулоту низомҳои марбут ба назорати газ) ва дигарон дар Люксембург ҷойгиранд [8].

Муносибатҳои дипломатӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Гертсогии Бузурги Люксембург 22 майи соли 1992 ба роҳ монда шудаанд. Равобити Тоҷикистон бо Люксембург асосан дар чаҳорчӯби Иттиҳоди Аврупо (ИА) ва санадҳои бо сохторҳои ин Иттиҳод имзошуда сурат гирифта, дар як давраи муайян барои таҳкиму густариши муносибатҳои ҳасана низ ҷонибҳо иқдомҳои мушаххасро анҷом додаанд.

Пеш аз ҳама, мулоқотҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Гертсоги Бузурги Люксембург, Аълоҳазрат Анри Албер Габриэл Феликс Мари ва Сарвазири ин кишвар ҷаноби Жан-Клод Юнкер, ки 11 октябри соли 2004 дар пойтахти ин кишвар баъди имзои Созишномаи шарикӣ ва ҳамкорӣ миёни Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо баргузор шуда буданд, ба рушди ин раванди созанда такони ҷиддӣ бахшиданд. Зимни гуфтушунид роҷеъ ба масоили ҳамкорӣ дар бахшҳои саноат, энергетика, коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва ҳамчунин мавзуоти байналмилалӣ, аз қабили мубориза бо терроризму ифротгароӣ ва дигар хавфу чолишҳои ҷаҳони муосир табодули назар карда шуд [3, с. 83].

Дар давраи аз ин ба баъд эҳтимоми муштараки ду кишвар ба манзури ҳамгироии бештари сиёсӣ-дипломатӣ мушоҳида карда мешуд. Дар ин радиф, рӯзи 6 декабри соли 2010 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вазири мудофиа ва корҳои дохилии Люксембург Жан-Мари Халсдорфро ба ҳузур пазируфтанд. Дар рафти мулоқот масоили ҳамкории Тоҷикистону Люксембург дар доираи муносибатҳои дуҷониба ва ҳам дар чаҳорчӯби Иттиҳоди Аврупо ва Неруҳои байналмилалии мусоидат ба сулҳ дар Афғонистон матраҳ шуд. Ҳангоми баррасии масоили дуҷониба Жан-Мари Халсдорф аз номи роҳбарияти Люксембург Сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонро даъват намуд, то ба хотири такони тоза бахшидан ба ҳамкории судманди ду кишвар соли оянда ба ин кишвари Аврупо сафари расмӣ анҷом диҳад. Вазири мудофиа ва корҳои дохилии Люксембург ба Президенти кишвар барои мусоидати фаъоли Тоҷикистон дар эҳёи иқтисодиёт ва ҳаёти осудаи мардуми Афғонистон, инчунин ҳамкории пурсамар бо Эътилофи байналмилалии посдори сулҳ дар ин кишвар миннатдорӣ баён кард. Суҳбати мушаххас аз ҷумла атрофи дурнамои авзои Афғонистон, таъсири он ба кишварҳои минтақа ва ҷаҳон, роҳҳои пешгирӣ аз истеҳсолу қочоқи маводи мухаддир ва паҳншавии терроризму экстремизм аз ин кишвар сурат гирифт [4, с. 348-349].

Ҳамин тариқ, 8-10 июни соли 2011 боздиди расмии Сарвари давлати тоҷикон аз Люксембург маротибаи дуюм анҷом пазируфта, вохӯриҳои сатҳи олӣ бо Аълоҳазрат Гертсоги Бузурги Люксембург Анри, Сарвазир Юнкер ва Раиси Парлумони ин мамлакат Лоран Мозар доир гардиданд [1, с. 129].

Нахуст, бегоҳии рӯзи 8 июн Президент Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Люксембург бо роҳбарон ва намояндагони як қатор созмонҳои ҷамъиятии тоҷикону тоҷикистониёни муқими Нидерланд, Белгия ва Люксембург мулоқот намуданд. Боиси зикр аст, ки дар ин кишварҳо ҷамъияти тоҷикистониёни муқими Белгия, Нидерланд ва Люксембург, Бизнес-клуби Нидерланд-Тоҷикистон, Клуби Белгия-Тоҷикистон, Маркази фарҳангии тоҷикон дар шаҳри Брюссел, ҷамъияти дӯстии Люксембург-Тоҷикистон ва ғайра фаъолияти пурсамар доранд. Дар суҳбат роҳбарони ҷамъиятҳои номбурда ва тоҷикистониёни муқими Белгия, Нидерланд ва Люксембург Азиз Одилов, Клаус Ван Дик, Дирк Ванденпут, Толия Тоирова

ва шарқшинос, фарҳангшинос, доктори илм, профессори Донишгоҳи Лювени Подшоҳии Белгия Александр Туроветс басо фаъол буданд.

Субҳи 9 июн дар оғози мулоқот бо Гертсоги Бузурги Люксембург Анри Албер Габриэл Феликс Мари Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо арзи сипос аз даъвати ҷониби Люксембург барои боздиди расмӣ аз ин кишвари мутараққӣ иброз доштанд: “қисмати аврупоии ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати берунаи мо муқаррар шудааст ва дар ин чаҳорчӯб Люксембург мавқеи хоса дорад”. Дар рафти музокирот масоили ҳамкории Тоҷикистону Люксембург, аз ҷумла татбиқи амалии созишҳое, ки дар мулоқоти қаблии сарони ду давлат соли 2004 ҳосил шуда буданд, баррасӣ гардид. Зимни вохӯрии Сарвари давлати тоҷикон бо Президенти Палатаи вакилони (Парлумони) Люксембург Лорен Мозар оид ба густариши робитаҳои байнипарлумонии ду кишвар мувофиқа ба даст омад. Муҳокимаи батафсили ҷанбаҳои гуногуни муносиботи дӯстӣ ва ҳамкории судманди ду кишвар дар мулоқоти Президенти Тоҷикистон бо Сарвазири Гертсогии Бузурги Люксембург Жан-Клод Юнкер анҷом дода шуд. Сипас дар ҳузури Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Сарвазири Люксембург Жан-Клод Юнкер 3 санади зерини ҳамкорӣ ба имзо расид:

1. Созишномаи байниҳукуматӣ оид ба канорагирӣ аз андозбандии дукарата ва пешгирии саркашӣ аз супоридани андоз аз даромад ва сармоя;
2. Созишномаи байниҳукуматӣ оид ба алоқаи ҳавоӣ;
3. Ёддошти тафоҳум оид ба алоқаи ҳавоӣ.

Ҷонибҳо зимни изҳороти матбуотӣ ва посух ба суолҳои хабарнигорон аз натиҷаи мулоқоту музокироти дуҷониба ва нақшаҳои рушди муносиботи дӯстона ва ҳамкории гуногунҷабҳаи ду давлат изҳори қаноатмандӣ карданд [2, с. 154-156].

Нимаи дуюми рӯзи 9 июн Президенти кишвар бо Директори кулли Палатаи савдои Люксембург Пиер Граменга мулоқот намуданд. Роҳҳои тақвияти ҳамкории иқтисодию тиҷоратӣ ва сармоягузории ду кишвар, аз ҷумла дар сатҳи соҳибкорону тоҷирон матраҳ карда шуд. Пас аз анҷоми мулоқот аз ҷониби роҳбарони палатаҳои савдои Тоҷикистону Люксембург Шариф Саидов ва Пиер Граменга Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкорӣ ба имзо расид. Сипас дар бинои Палатаи савдои Люксембург Ҳамоиши иқтисодӣ ва сармоягузории Тоҷикистону Люксембург баргузор гардид, ки дар он Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок ва суханронӣ намуданд. Дар ин чорабинӣ Сарвари давлат захираҳои фарохи ҳамкории иқтисодию тиҷоратӣ ва сармоягузорӣ бо Тоҷикистон, аз ҷумла лоиҳаҳои пуршумори барои сармоягузорӣ омодашударо шахсан муаррифӣ карда, аз соҳибкорони бонуфузи люксембургӣ ба ҳамкорӣ бо сохторҳои марбутаи кишвари мо даъват ба амал оварданд. Изҳори қаноатмандӣ гардид, ки ду сол боз пайи ҳам Тоҷикистон аз ҷониби муассисаҳои молиявии байналмилалӣ ба даҳгонаи беҳтарин кишварҳои ислоҳотталаб ворид мешавад ва шумораи шарикони хориҷии тиҷоратии кишвар сол то сол рӯ ба афзоиш дорад. Президент Эмомалӣ Раҳмон бо далели беҳтаршавии фазои сиёсӣ ва ҳуқуқии сармоягузорию соҳибкорӣ дар Тоҷикистон соҳибкорону сармоягузорони Люксембургро ба густариши ҳамкорӣ бо кишвари мо ташвиқ карданд. Дар ҳамоиш ҳамчунин роҳбарони ширкатҳои дорои шуҳрати ҷаҳонии Люксембург, ки дар соҳаҳои молия, бонкдорӣ, сармоягузорӣ, суғурта, саноат, сохтмон, нақлиёту боркашонӣ, роҳсозӣ ва бунёди неругоҳҳою истеҳсоли неруи барқ фаъолияти босамар доранд, ба роҳандозии ҳамкориҳои мутақобилан судбахш бо Тоҷикистони молики захираҳои фаровони табиию инсонӣ ҳавасмандӣ баён карданд. Бино ба маълумоти манзуршуда, беш аз 86% маҷмуи маҳсулоти дохилии Люксембург аз ҳисоби соҳаи хизматрасонӣ аст, чунки бо ҳаҷм ва сифати хизматрасонӣ, аз ҷумла дар соҳаҳои молия, бонкдорӣ, суғурта ва сармоягузорӣ ин кишвар яке аз ҷойҳои аввалро дар ҷаҳон ишғол менамояд [2, с. 154-156].

Дар солҳои баъдӣ низ робитаҳои Тоҷикистону Люксембург дар сатҳи олӣ таҳким ёфта, ба тақвияти ин гуфтаҳо метавон ба номаи шодбошии Сарвазири Люксембург Жан-Клод Юнкер аз 14 ноябри соли 2013 истинод овард, ки аз номи Ҳукумати Гертсогии Бузурги Люксембург ва шахсан худаш Президенти Тоҷикистонро ба муносибати пирӯзиашон дар интихоботи президентии Ҷумҳурии Тоҷикистон муборакбод намуд. Раиси онвақтаи Ҳукумати Люксембург таманниёти беҳтаринро ҷиҳати комёбӣ дар идомаи фаъолияти Пешвои миллат иброз дошта, изҳори умед кард, ки муносибатҳои дуҷониба байни давлату мардумони Тоҷикистону Люксембург боз ҳам тавсеа меёбанд [14]. Қобили таваҷҷуҳ аст, ки муносибатҳои гарму самимӣ миёни Президенти Тоҷикистон Э. Раҳмон ва ҷаноби Юнкер ҳангоми фаъолияташ дар мақоми Президенти Комиссияи Аврупо дар давраи солҳои 2014-2019 ҷой доштанд.

Анҷоми сафарҳои расмию корӣ ва дидорҳои дипломатҳои олирутба, аз ҷумла тариқи ҳамкориҳои зич дар чаҳорчӯби созмонҳои байналмилалӣ ва иттиҳодияҳо, аз қабили СММ, САҲА, ИА ва ғайра, боис ба такони тоза касб кардани раванди густариши муносибатҳои дуҷониба байни Тоҷикистон ва Люксембург гардиданд. Дар ин қарина, 20 октябри соли 2014 дар доираи сафари корӣ ба пойтахти Гертсогии Бузург вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сироҷиддин Муҳриддин бо вазири корҳои хориҷӣ ва аврупоии Люксембург Жан Асселборн вохӯрда, роҷеъ ба вазъи кунунӣ ва дурнамои тавсеаи ҳамкории дуҷонибаи Тоҷикистону Люксембург, аз ҷумла дар ҳошияи кори созмонҳои байналмилалию минтақавӣ, мубодилаи афкор намуданд. Бо ишора ба зарфиятҳои мавҷудаи истифоданошуда ҷиҳати рушди муносибатҳои дуҷониба, ҷонибҳо ба созиш омаданд, то барои таҳкими минбаъдаи он дар соҳаҳои иқтисодӣ, фарҳангӣ ва маориф иқдом кунанд. Бори дигар мулоқоти вазирони корҳои хориҷии Тоҷикистону Люксембург 17 майи соли 2017 дар шаҳри Люксембург доир гардид. Дар рафти музокирот ҳолати ҷорӣ ва дурнамои рушди муносибатҳои дуҷонибаю бисёрҷонибаи Тоҷикистон ва Люксембург матраҳ шуданд. Дипломатҳо натиҷаҳои сафарҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ба Люксембург солҳои 2004 ва 2011 баланд арзёбӣ карда, нисбати таҳкими минбаъдаи муносибатҳои ду кишвар ҳавасмандӣ зоҳир намуданд. Таклиф шуд, ки барои тақвияти ҳамкориҳои ду кишвар абзори машваратҳои сиёсӣ таъсис дода шавад. Ҳамзамон таъкид гардид, ки барои вусъат бахшидани муносибатҳои тиҷоратию иқтисодӣ бояд талошҳои муштарак амалӣ гарданд [11].

Дар амалишавии тадбирҳои қависозандаи равобити ҳасанаи Тоҷикистон бо Люксембург дар солҳои гуногун сафирони фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Гертсогии Бузурги Люксембург (бо иқомат дар ш. Брюссели Подшоҳии Белгия) Шариф Раҳимзода (солҳои маъмурият 2001-2006), Саймумин Ятимов (2007-2010), Рустам Солӣ (Рустамҷон Солиев) (2011-2016) ва Эркинхон Раҳматуллозода (2016-2023) нақши босазо доштаанд.

Бахусус агар ба давраи начандон дур нигарем, гомҳои муносиби устувор дар самти беҳтарсозии муносибатҳои мо бо Люксембург бардошта шуданд. Ҳамин тавр, моҳи феврали соли 2022 дар пойтахти ин кишвар мулоқоти сафири ғайримуқими Тоҷикистон дар Люксембург Э. Раҳматуллозода бо мудири сиёсии Вазорати корҳои хориҷӣ ва аврупоии Гертсогии Бузурги Люксембург Вероника Докендорф баргузор гардид. Ҷараёни пайгирии умумии равобити ду кишвар сурат гирифта, ҷузъиёти масоили умдаи ҳамкориҳои Тоҷикистону Люксембург баррасӣ шуданд. Ҳамкориҳои ду ҷониб дар чаҳорчӯби созмонҳои байналмилалӣ, бавежа Созмони Милали Муттаҳид, мавриди машварати хосса қарор гирифтанд. Ҳарду тараф барои пуштибонии якдигар ҳангоми пешниҳод гардидани номзадии кишварҳо ба ниҳодҳои мухталиф ҳамраъйӣ изҳор намуданд. Дипломати тоҷик ҷониби Люксембургро бо тозатарин ибтикороти кишвари мо дар ҷодаи дипломатияи обӣ ошно сохта, чорабиниҳои пешниҳодии Тоҷикистонро дар ин бахш муаррифӣ кард ва

даъватномаи Сарвазири кишварро ба номи Сарвазири Люксембург ҷаноби Ксавие Беттел ба дипломати люксембургӣ супорид [15].

Дар солҳои гуногун (2017, 2019, 2022) як силсила иқдомҳои ояндасоз дар масири таҳкими тамосу робитаҳои иқтисодию сармоягузории Тоҷикистон бо Люксембург, инчунин ташвиқу тарғиби ҳадафҳои олии рушди мамлакатамон, ташаббускориҳои созанда ва симои байналмилалии Тоҷикистон аз ҷониби сафири онвақтаи кишвар дар ин давлати мутамаддину мутараққӣ роҳандозӣ шуданд.

Нахуст, 20 ноябри соли 2017 дар шаҳри Люксембург дипломати баландпояи Тоҷикистон бо Директори генералии Иттиҳодияи фондҳои сармоягузории Люксембург (ALFI) Камилла Томас ва менеҷери калони рушди соҳибкорӣ Пиер Оберие мулоқот орост. Иттиҳодияи мазкур созмони аз аҳли сармоягузорони Люксембург намояндагикунанда буда, зиёда аз 1300 бунёду хазинаҳои сармоя, ширкатҳои замонат ва кафолатдиҳанда ва ташкилотҳои дигар, ба мисли бонкҳои хизматгузор, ширкатҳои ҳуқуқӣ, мусташорон ва мушовирони соҳаи сармоя ва ғайраҳоро муттаҳид мекунад.

Ҷониби Тоҷикистон зарфиятҳои ҳамёрӣ дар татбиқи Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон то соли 2030-ро масъалагузорӣ намуда, мусоидату кумаки бахшҳои молиявии Люксембург, аз ҷумла ҷомеаи сармоягузорон ва соҳибкорон, бонкҳои байналмилалӣ ба кишвари мо ва алалхусус ба бахши бонкии Тоҷикистонро дархост кард. Дар ин самт тамосҳои то ҳол анҷомёфта бо Хонаи тадрис (House of Training)-и Люксембург, ки як бахши ин корро ба уҳда гирифтааст, хотирнишон шуд. Ҳангоми баррасии зарурати танзими мулоқотҳои сохторҳои давлатӣ ва соҳибкорони тоҷикистониву люксембургӣ ҷиҳати муаррифии имкониятҳои бахшҳои ба сармоя ниёздоштаи кишвари мо амали Созишномаи канорагирӣ аз андозбандии дукарата байни Люксембург ва Тоҷикистон чун як омили мусбат зикр шуд. Созиш ба даст омад, ки иловатан як зумра машваратҳои сеҷонибаи Сафорати Тоҷикистон, Иттиҳодияи мазкур, Бурси (биржаи) Люксембург ва Палатаи савдо ва саноати он дар мавзуи истифодаи маблағҳое, ки махсусан барои “иқтисоди сабз” тахсис дода мешаванд, барпо карда шавад [12].

Солҳои 2017, 2019 ва 2022 мақолаву мусоҳибаҳои сафири Тоҷикистон дар Белгия, Нидерланд ва Люксембург дар рӯзномаи машҳури Люксембург “Agefi Luxembourg”, ки баёнгари масоили умдаи доираҳои иқтисодиву молиявии он кишвар аст, интишор шуданд. Ҳамин тариқ, моҳи апрели 2017 мусоҳибаи мавсуф бо ин рӯзнома таҳти унвони “The Grand Duchy is memorable to us” баргузор гардид, ки дар он вазъи онвақтаи иқтисодии кишвари мо шарҳу тафсир гардида, дар мавзуи мушаххасоти дурнамои муносибатҳои Тоҷикистон ва Люксембург ибрози назар шудааст. Дар мусоҳибаи дигари худ бо ин нашрияи бонуфузи люксембургӣ моҳи ноябри 2019, дипломати тоҷик бар он нукта таъкид кард, ки маҳз Конститутсияи ҷумҳурии демокративу ҳуқуқбунёди мо бо таҳияи зербинои устувори тамоми низоми қонунгузории Тоҷикистон барои ривоҷу равнақи кишвар ва рушди иқтидорҳои истеҳсолкунандаи он шароити мусоид муҳайё сохт. Нақши калидии кафили он, Пешвои миллат, дар пешрафти кишвар ҳамчунин инъикос ёфт. Дар бахшҳои дигари мусоҳиба масоили умдатарини сармоягузорӣ ба иқтисоди кишвар матраҳ гардида, таваҷҷуҳи доираҳои иқтисодии кишварҳои Иттиҳоди Аврупо ба имконоти васеи ин бахш ҷалб гардидааст ва тафсири қонунҳои мушаххас перомуни паҳлуҳои гуногуни ин масоил баён шудааст [15].

Тадбирҳои муассири тарғиботии Сафорати кишвар дар Люксембург (бо иқомат дар Брюссел) ҷиҳати ҷалби бештари доираҳои ҳавасманди Люксембург барои иштирок дар Конфронси СММ оид ба шарҳи фарогири миёнамуҳлати ҳадафҳои Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» тариқи нашри мақолаи сафири Ҷумҳурии Тоҷикистон дар кишварҳои Бенилюкс зери унвони “Endless efforts and practical actions of Tajikistan in addressing water-related challenges” дар шумораи навбатии

рӯзномаи бонуфузи “Agefi Luxembourg” (моҳи ноябри 2022) амалӣ гардид. Дар мақола ибтикороти ҷаҳонии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар соҳаи об шарҳу тавсиф ёфта, аҳаммияти бузурги онҳо дар ҳалли мушкилоти глобалии марбут ба обу беҳдошт таъкид шудааст. Ҳамзамон, мубрамияти ташаббуси нави Тоҷикистон дар масъалаи ҳифзи пиряххо ва таъсиси “Бунёди байналмилалии ҳифзи пиряхҳо” ба миён гузошта шуд [13].

Ҳамин тариқ, барои ташвиқи минбаъдаи муносибатҳои судманди сиёсӣ-дипломатӣ бо Люксембург дар марҳилаи кунунӣ, пеш аз ҳама таъйин кардани сафири ғайримуқими Тоҷикистон дар Люксембург ва баръакс, таъсис ва ташкили кори мунтазами абзори машваратҳои сиёсии байниидоравӣ, омӯзиши имкониятҳои табодули сафарҳои мақомдорони ду кишвар ва барқарории муколамаи сиёсии сатҳи олӣ амри замон аст.

Вобаста ба бахши иқтисодӣ лозим меояд, ки масъалаи баҳрабардории Тоҷикистон аз захираву зарфиятҳои бузурги сармоягузорӣ ва бонкию молиявии Люксембург ва афзоиши ҳаҷми савдои дуҷониба *(аз ҷумла тариқи ҳамкорӣ бо Палатаи савдои Бенилюкс, ки ноябри соли 2024 дафтари он дар шаҳри Тошканд боз шуд)* мавриди коркарди ҷиддии мақомоти дахлдори ду давлат қарор гирад. Таҷрибаи Гертсогии Бузург дар самти пешбурди амалҳои иқлимӣ ва сиёсати рушди “иқтисоди сабз” метавонад боиси равонасозии сармояҳои калонҳаҷм ба сохтмони иншоотии гидроэнергетикии Тоҷикистон, бахусус маблағгузории бунёди иншооти азими аср – Неругоҳи барқи обии “Роғун” гардад. Ба ғайр аз ин, касбияту иқтидори фарохи бонкдорию молиявии Люксембург дар раванди ислоҳоти иқтисодӣ ва муосиргардонии бахшҳои бонкию молиявии Тоҷикистон (такмили назорати молиявӣ, идоракунии хавфҳо ва мудирияти бонкдорӣ) тариқи таъмини кумаки моддӣ-техникӣ ва татбиқи лоиҳаҳои таҳкими иқтидор, инчунин сармоягузории барномаҳои ояндадори марбут ба зербахшҳои гуногуни инфрасохтор (иҷтимоӣ, нақлиётӣ, логистикӣ, телекоммуникатсионӣ, сайёҳӣ, рақамӣ, технологӣ ва ғайра), кишоварзӣ ва энергетикаи кишвари мо аз ҷониби фондҳои сершумори люксембургию байналмилалӣ ба нафъи кор хоҳад буд. Бо назардошти азму ухдадориҳои Тоҷикистон дар самти рушди “неруи сабз” ва устуворнокии муҳитзистӣ, Люксембург бо таҷрибаи пешқадами худ метавонад барои таҳияи абзорҳои инноватсионии маблағгузории сабз ёрманди ҷумҳурии мо шавад.

## *ПАЙНАВИШТ:*


1. *25 қадам дар паҳнои олам / Зери назари С. Аслов. – Душанбе: Ирфон, 2016. – 218 с.*
2. *Шарифзода, А. Эмомалӣ Раҳмон ва 20-солагии истиқлол (Сиёсати дохилӣ ва хориҷии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2011). / А. Шарифзода, З. Қосимӣ. – Душанбе: Бухоро, 2012. – 392 с.*
3. *Шарифзода, А. Эмомалӣ Раҳмон ва ҷомеаи ҷаҳон / А. Шарифзода, З. Қосимӣ. – Душанбе, 2011. – 372 с.*
4. *Шарифзода, А. Эмомалӣ Раҳмон: соли маориф ва фарҳанги техникӣ (Сиёсати дохилӣ ва хориҷии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2010). – Китоби 10. Нашри дуюм / А. Шарифзода, З. Қосимӣ. – Душанбе: Ирфон, 2011. – 372 с.*
5. *Мақолаи “Люксембург” [Манбаи электронӣ] // Донишномаи “Britannica”. URL: https://www.britannica.com /place/Luxembourg (ба заб. англ.)*
6. *Мақолаи «Робер Шуман ва сарогози ИА» [Манбаи электронӣ] // Портали расмии Люксембург “Luxembourg, Let’s make it happen”. URL: https://luxembourg.public.lu/en/society-and-culture/international-openness/robert-schuman.html (ба заб. англ.)*

7. *Маълумотнома аз саҳифаи Вазорати корҳои хориҷӣ ва аврупоӣ, мудофиа, ҳамкорӣ баҳри рушд ва савдои хориҷии Люксембург [Манбаи электронӣ] // Сайти расмии Ҳукумати Гертсогии Бузурги Люксембург. URL: https://mae.gouvernement.lu/en/le-ministere.html (ба заб. англ.)*
8. *Маълумотномаи “Иқтисоди Люксембург” [Манбаи электронӣ] // Донишномаи Википедия. URL: https://en.wikipedia.org/wiki/Economy_of_ Luxembourg (ба заб. англ.)*
9. *Маълумотномаи «Навъи ниҳоду мақомоти Иттиҳоди Аврупо» [Манбаи электронӣ] // Сомонаи расмии Иттиҳоди Аврупо. URL: https://european-union.europa.eu/institutions-law-budget/institutions-and-bodies/types-institutions-and-bodies_en (ба заб. англ.)*
10. *Маълумотнома оид ба ҳайати нави Ҳукумати Люксембург [Манбаи электронӣ] // Портали расмии Люксембург “Luxembourg, Let’s make it happen”. URL: https://luxembourg.public.lu/en/society-and-culture/political-system/government.html (Санаи муроҷиат: 20.11.2024) (ба заб. англ.)*
11. *Мулоқоти вазирони корҳои хориҷии Тоҷикистон ва Люксембург [Манбаи электронӣ] // Сомонаи расмии Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон. URL: https://mfa.tj/tg/main/view/2237/muloqoti-vazironi-korhoi-khorijii-tojikiston -va-lyuksemburg*
12. *Мулоқоти Сафир бо Директори генералии Иттиҳодияи фондҳои сармоягузории Люксембург (ALFI) [Манбаи электронӣ] // Сомонаи расмии Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон. URL: https://mfa.tj/tg/main/ view/2722/muloqoti-safir-bo-direktori-generalii-ittihodiyai-fondhoi-sarmoyaguzorii-lyuksemburg-alfi (Санаи нашр: 21.11.2017)*
13. *Мусоҳибаи Сафири Тоҷикистон дар рӯзномаи AGEFI [Манбаи электронӣ] // Сомонаи расмии Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон. URL: https://mfa.tj/tg/main/view/5255/musohibai-safiri-tojikiston-dar-ruznomai-agefi (Санаи нашр: 17.11.2022)*
14. *Номаҳои шодбошӣ аз роҳбарони давлатҳо ва созмонҳои байналмилалӣ [Манбаи электронӣ] // Сайти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. URL: hthttps://www.president.tj/event/telegrams/5203*
15. *Сомонаи расмии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. URL: https://www.mfa.tj*

## *REFERENCES:*

1. *25 steps across the world / Edited by S. Aslov. – Dushanbe: Irfon, 2016. – 218 pp.*
2. *Sharifzoda, A. Emomali Rahmon and the 20th anniversary of Independence (Domestic and foreign policy of the President of the Republic of Tajikistan in 2011). / A. Sharifzoda, Z. Qosimi. – Dushanbe: Bukhoro, 2012. – 392 pp.*
3. *Sharifzoda, A. Emomali Rahmon and the World Community / A. Sharifzoda, Z. Qosimi. – Dushanbe, 2011. – 372 pp.*
4. *Sharifzoda, A. Emomali Rahmon: The Year of Education and Technical Culture (Domestic and foreign policy of the President of the Republic of Tajikistan in 2010). – Book 10. 2nd edition / A. Sharifzoda, Z. Qosimi. – Dushanbe: Irfon, 2011. – 372 pp.*
5. *Article “Luxembourg” [Electronic resource] // Encyclopedia “Britannica”. URL: https://www.britannica.com /place/Luxembourg (in English)*
6. *Article “Robert Schuman and the Beginnings of the European Union” [Electronic resource] // Official portal of Luxembourg “Luxembourg, Let’s make it happen”. URL: https://luxembourg.public.lu/en/society-and-culture/international-openness/robert-schuman.html (in English)*
7. *Reference from the website of the Ministry of Foreign and European Affairs, Defence, Development Cooperation and Foreign Trade of Luxembourg [Electronic resource] // Official website of the Government of the Grand Duchy of Luxembourg. URL: https://mae.gouvernement.lu/en/le-ministere.html (in English)*

**8.** *Reference “Economy of Luxembourg” [Electronic resource] // Wikipedia. URL: https://en.wikipedia.org/wiki/Economy_of_ Luxembourg (in English)*

**9.** *Reference “Types of Institutions and Bodies of the European Union" [Electronic resource] // Official website of the European Union. URL: https://european-union.europa.eu/institutions-law-budget/institutions-and-bodies/types-institutions-and-bodies_en (in English)*

**10.** *Reference on the New Composition of the Government of Luxembourg [Electronic resource] // Official portal of Luxembourg "Luxembourg, Let's make it happen". URL: https://luxembourg.public.lu/en/society-and-culture/political-system/government.html (Accessed: 20.11.2024) (in English)*

**11.** *Meeting of the Ministers of Foreign Affairs of Tajikistan and Luxembourg [Electronic resource] // Official website of the Ministry of Foreign Affairs of Tajikistan. URL: https://mfa.tj/tg/main/view/2237/muloqoti-vazironi-korhoi-khorijii-tojikiston -va-lyuksemburg*

**12.** *Meeting of the Ambassador with the Director General of the Association of the Luxembourg Fund Industry (ALFI) [Electronic resource] // Official website of the Ministry of Foreign Affairs of Tajikistan. URL: https://mfa.tj/tg/main/ view/2722/muloqoti-safir-bo-direktori-generalii-ittihodiyai-fondhoi-sarmoyaguzoiri-lyuksemburg-alfi (Publication date: 21.11.2017)*

**13.** *Interview of the Ambassador of Tajikistan in the AGEFI newspaper [Electronic resource] // Official website of the Ministry of Foreign Affairs of Tajikistan. URL: https://mfa.tj/tg/main/view/5255/musohibai-safiri-tojikiston-dar-ruznomai-agefi (Publication date: 17.11.2022)*

**14.** *Letters of congratulations from heads of state and international organizations [Electronic resource] // Website of the President of the Republic of Tajikistan. URL: hthttps://www.president.tj/event/telegrams/5203*

**15.** *Official website of the Ministry of Foreign Affairs of the Republic of Tajikistan. URL: https://www.mfa.tj*